**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-026 назди МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ"**
**аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)**

**ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ №____________**

*Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 06.07.2023с. № 20*

**БАРОИ САЗОВОР ДОНИСТАНИ АХМЕДОВА МАНИЖАХОН ФАРРУХҶОНОВНА, ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD) АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 6D010200 – ПЕДАГОГИКА ВА МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ИБТИДОӢ (ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ)**

Диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи «Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим», дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) бо қарори №14 аз 25-уми апрели соли 2023 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700,ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна соли 2021 зинаи доктор (PhD)-ро бо ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ дар шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ педагогии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" хатм намудааст.

Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар баробари корҳои таҳқиқӣ фаъолияти омӯзгориашро аз соли 2018 то ҳол дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба ҳайси муаллима идома дода истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ – Шаропов Шавкат Аҳмадович,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

**Муқарризони расмӣ:**

**Сатторов Абдурасул Эшбекович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав".;

**Азимова Назира Самадовна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои математикӣ ва табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ**.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, аз 14-уми июни соли 2023 (суратмаҷлиси №29), ки онро ректори муассиса доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия баҳои мусбат дода, ба бозёфти навгониҳои илмӣ диссертант

ишора карда мегӯяд, ки "Таҳқиқоти диссертатсионии Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна ба муаммои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим бахшида шудааст. Мубраму муҳим будани мавзӯи таҳқиқотро раванди иттилоотӣ гардидани тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла, таҳсилоти муосир, торафт бештар мавқеъ пайдо кардани технологияҳо дар илм ва амалия, ки сатҳи баланди салоҳиятнокии истифодаи онҳоро тақозо менамояд, ҳамчунин раванди босуръати компютерикунонии муассисаҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина ба миён омадани зарурати ҷустуҷӯву татбиқи воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникативӣ ва ташкили шароити дидактикӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим бо фарогирии тамоми имконияти технологияҳои муосир асоснок менамояд.

Дар диссертатсия бо назардошти муҳим будани омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим, ташкили шароит барои таҳрики фаъолияти омодагии касбӣ, истифодаи босамари технологияҳои муосир бо мақсади донишомӯзӣ, татбиқи методу шаклҳои самарабахши таълим бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ коркарди асосҳои дидактикии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ барои рушди омодасозии касбии омӯзгорони макотиби олӣ амалӣ гардида, дар рафти кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти олӣ санҷида шудааст".

Ҳамчунин аҳамияти амалии таҳқиқоти гузаронидашуда аз он иборат аст, ки дар он коркарди шартҳои педагогӣ, технологияи дидактикӣ бо ҳадафи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, ҳамчунин татбиқи он дар раванди таълими донишҷӯён анҷом дода шудааст; тавсияҳои методӣ оид ба рушди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим бо истифодаи шартҳои педагогии ошкоргардида дар раванди таълим тартиб дода шудаанд; коркарди низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, ҳамчунин коркарди таъминоти методии он амалӣ гардидаанд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, бо муҳиммияти ҷамъбасти илмӣ, ки дар диссертатсия инъикос гардидаст ва хулосаҳои асосӣ дар қисмати истифодаи технологияи педагогии коркардашуда барои омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, ҳамчунин татбиқи он дар раванди таълими донишҷӯён имконияти зиёд доранд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ бо иштироки бевоситаи ӯ анҷом дода шудаанд. Дар корҳои анҷомдодашуда саҳми муаллифи диссертатсия назаррас мебошад.

Муҳтаво ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи ФР ба қайд гирифта шудааст, инъикос ёфтаанд.

Дар хулосаи тақризи муассисаи пешбар қайд шудааст, ки Диссертатсияи Ахмедова Манижахон дар мавзӯи "Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим" таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ба талаботҳои Низомномаи КОА

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ аст ва муаллифи он, сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ мебошад.

***Аз таълифоти арзишманди муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ чоп шуда, дар худ мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардаанд:***

[1-М] Ахмедова М.Ф. Асосҳои назариявии ташаккули фарҳанги иттилоотӣ дар донишҷӯён / Ахмедова М.Ф. // Паёми академияи таҳсилоти Тоҷикистон [Матн]. - Душанбе, 2021. №2(39). (ISSN 2222-9809).

[2-М]Ахмедова М.Ф., Усмонов А.А. Худшиносии миллӣ маҳсули рушди иҷтимоии шахсияти омӯзгор / Ахмедова М.Ф., Усмонов А.А. // Паёми ДМТ [Матн]. – Душанбе, 2021. №2. - С.251-257. ISSN 2074-1847.

[3-М] Ахмедова М. Ф. Муҳити муосири раванди омодасозии омӯзгорон ба татбиқи технологияҳои инноватсионии таълим / Ахмедова М.Ф. // Паёми ДМТ [Матн]. Душанбе, 2022. №2. С.219-224. ISSN 2074-1847.

[4-М] Ахмедова М.Ф. Асосҳои назариявии омодагии омӯзгорони макотиби олӣ ба амалигардонии технологияҳои муосири иттилоотии таълим / Ахмедова М.Ф.// Паёми ДМТ [Матн]. - Душанбе, 2022. №1, -С.218-223. ISSN 2074-1847.

[5-М] Ахмедова М.Ф. Ҷабҳаҳои назариявии омодасозии омӯзгорон ба иттилоотикунонии раванди таълим / Ахмедова М.Ф. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ // Нашрияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Серия 2. Педагогика ва психология, методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиатшиносӣ [Матн]. -Душанбе – 2022. №2(12), - С. 245- 250. ISSN 2708-5759.

[6-М] Ахмедова М.Ф. Муҳити муосири раванди омодасозии омӯзгорон ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим / Ахмедова М.Ф. // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон [Матн.] - Душанбе – 2023. №1, (46).

[7-М] Ахмедова М.Ф. Содержание и сущность педагогической деятельности в теории педагогической науки /Ахмедова М.Ф. // МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”. Институти илмӣ – тадқиқотии илмҳои педагогӣ. Масъалаҳои педагогикаи муосир / Нашриёти “Нури маърифат” [Матн]. - Хуҷанд, 2020. №1, 2020. - С.91-96.

[8-М] Ахмедова М.Ф., Ф.Ф. Ганиева Шароитҳои истифодабарии технологияҳои инноватсионӣ дар мактабҳои муосир /Ахмедова М.Ф., Ганиева Ф.Ф. // Дар пайроҳаи илм. Қисми II, [Матн]. - Хуҷанд-2019. - С.134-139.

[9-М] Ахмедова М.Ф. Истифодаи технологияҳои педагогии ҳозиразамон, Дар пайроҳаи илм, Қисми II, [Матн] - Хуҷанд-2019, С.115-121.

[10-М] Ахмедова М. Ф. Асосҳои назариявии ташаккули тайёрии муаллимони оянда ба фаъолияти эҷодкорӣ / Ахмедова М.Ф.// Раҳоварди олимони ҷавон [матн]. - Хуҷанд, 2019. - С.78-84.

[11-М] Ахмедова М. Ф. Асосҳои назариявии омӯзиш ва истифодабарии технологияи муосир дар раванди таълим / Ахмедова М.Ф. // Шамъи ирфон. [Матн]. - Хуҷанд,2019, - С.412-418.

[12-М] Ахмедова М. Ф. Муҳити муосири раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии таълим / Ахмедова М.Ф.// Маводҳои конференсияи вилоятии илмӣ - амалии “Муаммоҳои истифодаи самарабахши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти таълимӣ – тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти

миёнаи умумӣ” [Матн]. - Хуҷанд, 14 майи 2022. -С.96- 100.

[13-М] Ахмедова М.Ф. Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорон ба татбиқи технологияи инноватсионии таълим / Ахмедова М.Ф. // Маводҳои конференсияи вилоятии илмӣ - амалии “Муаммоҳои истифодаи самарабахши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти таълимӣ – тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” [Матн]. - Хуҷанд, 14 майи 2022. - С. 100-106.

[14-М] Ахмедова М. Ф. Мавқеи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар омодагии касбии омӯзгорони оянда / Ахмедова М.Ф. // Маводҳои конференсияи вилоятии илмӣ-амалии “Муаммоҳои истифодаи самарабахши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти таълимӣ – тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” [Матн]. - Хуҷанд, 14 майи 2022, - С.117-122.

***Ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:***

**Тақризи 1. Ахророва Гулчеҳра Усмоновна -** номзади илмҳои филогогӣ, дотсент, муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонони Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тақриз мусбӣ аст, эрод надорад.

**Тақризи 2. Давлатзода Ҷамила -** доктори илмҳои педагогӣ, директори Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор. Тақриз мусбӣ аст, эрод надорад.

**Тақризи 3. Мирзоев Абдулазиз Раҷабович -** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорииТоҷикистон. Тақриз мусбӣ аст, эрод надорад.

**Тақризи 4. Каримзода Мирзо Бадал -** доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тақриз мусбӣ аст, эрод надорад.

Муқарризони беруна масъалаи таҳқиқшавандаро муҳим ва арзишманд ҳисобида, муаллифи диссертатсияи Ахмедова Манижахонро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) арзанда донистаанд.

***Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар*** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D. КОА-026 аз 25-уми апрели соли 2023, №14, тибқи талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, асоснок шудааст.

***Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ корҳои зерин анҷом дода шудаанд:***

–адабиёти илмию методии марбут ба масъалаҳои дар таҳқиқот баррасишаванда мавриди омӯзиш ва таҳлил ва хулосабарорӣ қарор гирифтанд;

–мафҳуми куллии «технологияҳои инноватсионии муосири таълим» муфассал тавзеҳ дода шуд;

–шартҳои асосии педагогии раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим муайян карда шуд;

–маълумоти таҷрибавие, ки дар рафти ташкилу баргузории шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим ба даст омаданд дастабандиву ҷамъбаст гардида, дар асоси коркарду таҳлили онҳо тавсифи дидактикӣ пешниҳод гардид;

–консепсияи «муҳити мувофиккунӣ» бо мақсади баландбардории самаранокии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим таснифу мураттаб гардид;

***Асосҳои методологии таҳқиқотро*** матлабҳои фалсафӣ дар бораи ҳамбастагии падидаҳои педагогӣ; таълимот оид ба табиати фаъолиятмандонаи шахсият ва моҳияти иҷтимоии он; мантиқи диалектикии омӯзиши муаммо дар ҳаракати он; дидгоҳҳои ба шахсият нигаронида, гносеологӣ, стохастикӣ; ҳамчунин назарияи шахсият, таҳқиқоти консептуалии назария ва амалияи таҳсилот, таълифоти бунёдӣ (фундаменталӣ) дар соҳаи амсиласозии падидаҳои педагогӣ ташкил додааст.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот*** дар он зоҳир мегардад, ки асосҳои назарӣ, шароит ва қоидаҳои имконияти педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ бо истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии муосири таълим муайян гардиданд, ки барои аз ҷониби донишҷӯён аз худ намудани донишу маҳоратҳои касбӣ дар фаъолияти ҳаёти минбаъдаи онҳо зарурӣ ва инкишофи қобилияти эҷодии онҳо мусоидат менамоянд. Инчунин мафҳуми «технологияҳои инноватсионии муосири таълим» ҳамчун тавсифи ҳамгиро инкишофёбандаи шахсият ифода гардидааст. Ҳамзамон робитаҳои қонунӣ, ҳамбастаи байни ҷузъҳои ташкили дидгоҳи ба шахсият нигаронида, ки дар таълими донишҷӯён татбиқ мешавад, ошкор шуданд.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот***ро метавон бо нуктаҳои зерин ифода намуд, ки

- коркарди шартҳои педагогӣ, технологияи дидактикӣ бо ҳадафи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, ҳамчунин татбиқи он дар раванди таълими донишҷӯён анҷом ёфт;

- тавсияҳои методӣ оид ба рушди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим бо истифодаи шартҳои педагогии ошкоргардида дар раванди таълим тартиб дода шуданд;

- коркарди низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, ҳамчунин коркарди таъминоти методии он амалӣ гардид, ки амалишавии ҳадафҳои пешгузошта барои омӯзиши минбаъдаи паҳлуҳои мухталифи мавзуи мазкур, барои ҳавасманд намудани омӯзгорон барои омодасозии самаранок ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим мусоидат мекунад. Инчунин маводи илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар хондани лексияҳо, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, курсҳои махсус ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот бо нуктаҳои зерин муайян карда шудаанд:***

- мафҳуми «технологияи инноватсионии муосири таълим» мушаххас карда шуд;

- модели самаранокии раванди омодасозии омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълим аз рӯи меъёру нишондиҳандаҳои мувофиқ таҳия карда шуд;

- шароитҳои ташкилию педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълим муайян карда шуданд;

- мафҳуми «муҳити мутобиқшавӣ»-ро ҷорӣ намуда, зарурати истифодаи муҳити мутобиқшавӣ дар баланд бардоштани самаранокии раванди омодасозии омӯзгори макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионии таълим асоснок карда шуд.

- тибқи озмоиш самаранокии системаи методии пешкашгардида санҷида шуд.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти*** иҷрошуда бо асосҳои назариявии таҳқиқоти бунёдии фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ, истифодаи маҷмӯи ба ҳам алоқаманди методҳои назариявӣ ва амалии ба предмет ва вазифаҳои таҳқиқот асосёфта ифода ёфтааст, бо методологияи илмӣ, низоми методҳо, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, бо мувофиқати интихоб ба тавсифҳо, санҷидани методикаҳои озмоишӣ дар амалияи кори макотиби олӣ, коркарди математикии маълумоти эмпирикӣ таъмин гардид. Боваринок ва асоснокии натиҷаҳо бо базаи назариявии исботкунанда таъмин ва бо таҳқиқотҳои мантиқӣ асоснок карда шудаанд, ки дар онҳо корҳои бурдашаванда аз лиҳози экспертӣ баҳогузорӣ шуданд.

***Саҳми шахсии муаллиф*** дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, гирд овардани мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, шарҳу тафсир ва муқоисаи назарияҳои олимони соҳа; коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳқиқ намудани сохтор ва мундариҷаи корбарӣ бо донишҷӯён; муайян кардани имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷиҳати омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим; коркард ва тариқи озмоиш санҷидани сатҳи омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим; амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ; интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ба дастомада ва таҳияи диссертатсия ифода меёбад.

Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати __9__ нафар, аз онҳо __6__ нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ __9__ нафар,
муқобили додани дараҷаи илмӣ __нест__ нафар,
бюллетенҳои беэътибор __нест__ нафар,

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 6-уми июли соли 2023 ба чунин қарор омад, ки диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи «Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим» кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва ба довталаб Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) дода шавад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Сабурӣ Х.М.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор** **Ҳамробоев Н.А.**

**06.07.2023с.**